**МАРКАЗИ МИЛЛИИ ҚОНУНГУЗОРИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

734024, ш. Душанбе, кӯчаи академик А. Адҳамов, 13, тел.: (+99237) 227-45-00, факс: 227-63-64
www.mmk.tj; E-mail: info@mmk.tj

№ 166/2с

аз «07» 11 соли 2024

Хадамоти гумруки назди
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Хулоса оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба он

Маркази миллии қонунгузорӣ ҳамчун мақоми ваколатдори давлатӣ лоиҳаи болозикр ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба онро, ки аз ҷониби Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст, мавриди баррасӣ қарор дод.

Бо дарназардошти талаботи банди 19 Дастурамал оид ба гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 июли соли 2018, №355 тасдиқ гардидааст ва таҳлили таъсирӣ танзимкунии лоиҳа, ки аз ҷониби таҳиякунанда пешниҳод шудааст, хулосаи зерин манзур карда мешавад:

1) тартиби гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ аз ҷониби таҳиякунанда - Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон риоя гардидааст;

2) дар қисмҳои 2, 6, 8, 9, 22 ва дигар қисмҳои моддаи 1 лоиҳаи болозикр ӯҳдадорӣ барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ вобаста ба пешниҳод намудани маълумоти пешакӣ оид ба мол, пешниҳоди ҳуҷҷатҳо барои барасмиятдарории гумрукӣ, расмиёти транзити гумрукӣ, муҳлати транзити гумрукӣ, талабот нисбат ба сохт ва дараҷаи муҳофизнокии воситаи наклиёт, хатсайри интиқоли мол, ӯҳдадориҳои интиқолдиҳанда ҳангоми интиқоли мол тибқи расмиёти гумрукии транзити гумрукӣ, декларатсия кардани мол, муҳлати нигоҳдории муваққатии мол ва дигар ӯҳдадориҳо пешбинӣ гардидааст;

3) дар қисми 8 моддаи 1 лоиҳа маҳдудиятҳо барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ вобаста ба муҳлати транзити гумрукӣ пешбинӣ гардидааст;

4) дар лоиҳа масрафҳои беасос аз низоми буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мушоҳида намегардад;

5) лоиҳа барои ҳалли мушкилот асоснок буда, барои содагардонии барасмиятдарории гумрукӣ ва беҳтар намудани шароити воридоту содирот ва транзити мол мусоидат менамояд.

Директор Саидзода И.Ҳ.